*ТДУ 371*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-80-87*

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Султонов Рустам Нозимович, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННЫХ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

*Султонов Рустам Нозимович, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# THEORETICAL FOUNDATIONS IN THE FORMATION OF MORAL REPRESENTATIONS OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

*Sultonov Rustam Nozimovich, research worker of the department of social and professional pedagogy of the SEI "KSU named after acad. B.Gafurov" (Khujand, Tajikistan), E-mail: rsultonov68@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Тасаввуроти ахлоқӣ, тарбияи маънавӣ, арзишҳои ахлоқӣ, инкишофи маънавӣ, инсондӯстӣ, анъанаҳои миллӣ, тарбияи зеҳнӣ*

*Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули тасаввуроти ахлоқии хонандагони хурдсол аз дидгоҳи мутафаккирони форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз он ҷумла таъкид шудааст, ки анъанаҳои тарбиявӣ фарҳанги педагогии миллат, маромҳо ва расму оинҳои тарбияро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии соҳибистиқлол бо риояи таҳкими мавқеъи инсондӯстӣ ҳамчун арзиши асосии ҷамъиятӣ, инчунин бо пайравӣ аз дастурҳои ахлоқии олимони форсу тоҷик дар раванди таҳсилот,талош меварзад, ки ба инкишофи маънавӣ ва ҷисмонии кӯдакон, бо ташаккули неруи захиравӣ  ва имконоти окилона ҳал намудани проблемахои глобалии эъмори мамлакат таъсир расонад. Дар ин росто, иброз шудааст, ки сарчашмаҳои адабӣ андешаҳои олимон, файласуфон, омӯзгорони форс-тоҷикро оид ба масъалаҳои педагогика инъикос намуда, дар равишҳои таълиму тарбия, бахусус дар масъалаҳои таъсиррасонӣ ба хислат ва рафтори кӯдакон, дар онҳо ташаккул додани ҳисси  инсонпарварӣ ва майл ба меҳнат тафсирҳои умумӣ медиҳанд.*

***Ключевые слова:*** *Нравственные представления, нравственное воспитание, моральные ценности, духовное развитие, гуманизм, национальные тридиции, интеллектуальное воспитание*

*В статье рассматриваются теоретические основы формирования нравственных представлений младших школьников с позиций персидско-таджикских мыслителей. В том числе подчеркивается, что воспитательные традиции образуют педагогическую культуру этноса, устои и обычаи воспитания. Суверенная республика, придерживаясь укрепления позиций гуманности как основной общественной ценности, а также, следуя нравственным ориентирам персидско-таджикских ученых в образовательном процессе, стремится позитивно влиять на духовное и физическое развитие детей, формируя потенциал и возможности рационально решать глобальные проблемы устройства страны. В связи с этим, утверждается, что литературные источники, отражающие замыслы персидско-таджикских ученых, философов, учителей в вопросах педагогики, приводят общие трактовки в подходах к образованию, в частности, в вопросах воздействия на характер и поведение детей, развития в них гуманизма и тяги к труду.*

***Key words:*** *moral ideas, moral education, moral values, spiritual development, humanism, national traditions, intellectual education*

*The article deals with the theoretical foundations of the formation of moral ideas of younger schoolchildren from the standpoint of Persian-Tajik thinkers. In particular, it is emphasized that educational traditions form the pedagogical culture of the ethnic group, the foundations and customs of education. The sovereign republic, adhering to the strengthening of the position of humanity as a basic social value, as well as following the moral guidelines of the Persian-Tajik scientists in the educational process, seeks to positively influence the spiritual and physical development of children, forming the potential and opportunities to rationally solve the global problems of the country's structure. In this regard, it is argued that the literary sources, reflecting the ideas of Persian-Tajik scientists, philosophers, teachers in matters of pedagogy, give general interpretations in approaches to education, in particular in matters of influencing the character and behavior of children, developing humanism in them and craving for work.*

Ахлоқ мақула (категория)-и бисёрҷабҳаи психологию иҷтимоӣ ва педагогӣ, инчунин натиҷаи фаъолияти ҳаётии ҷомеаи инсонӣ мебошад. Дар зери таъсири вижагии он (некуаҳволии

иқтисодӣ, ҳолати муҳити иҷтимоӣ) принсипҳои ахлоқӣ дигаргун гардида, хусусиятҳоеро ба худ мегиранд, ки меъёрҳои маънавии инсонро тавсиф мекунанд. Вижагиҳои шахсӣ ва аломатҳои хислатҳои инсониро аз худ намуда, ахлоқ маҷмӯи қоидаҳои ахлоқӣ, ангезаҳо, ормонҳо, вазифаҳоеро ифода мекунад, ки онҳо дар асоси хоҳишҳои фард, афзалиятҳо ва дастурҳои асосии ӯ ба вуҷуд меоянд.

Дар ин қарина вазифаи тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакон аз инкишофи ақидаҳои ахлоқӣ ва дастурҳои маънавӣ, дарки робитаҳои байниҳамдигарии арзишҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра дар миёни худ ва шахсият, неруи захиравӣ ва омодагӣ ба таҳаммулу муқовимат ба пайдошавии талошҳо ва кирдорҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ манфӣ иборат мебошад. Тарбияи маънавию ахлоқии хонандагони хурдсол дар шароити оила ва мактаб дар раванди фаъолиятҳои дарсӣ, беруназсинфӣ, чорабиниҳои беруназмактабӣ ва фарҳангӣ сурат мегирад [14].

Ҷамъбасти шаклҳои дар боло зикршуда *тарбиядидагии ахлоқӣ* мебошад. Б.Т. Лихачёв онро ба хислатхои инфиродии шахе мансуб медорад, ки ҷомеа ба онҳо баҳои баланд дода, дар фаъолиятҳои гуногун, муошират ваҳамкориҳо зоҳир мегардад. Дар кӯдакони 6-10 - сола тарбиядидагии ахлоқӣ дар идроку огоҳӣ аз рафтору кирдор, ростқавлӣ, масъулиятшиносӣ, адолат, муносибатҳои боадабона ва бовиҷдонона зоҳир мегардад. Вай идроки шахсро дар бораи алоқамандии мақулаҳои маънавию ахлоқӣ, моҳияти арзишҳои ахлоқӣ, афзалияҳхои ахлоқӣ, кобилияти баҳодиҳӣ ба амалҳои худ, инчунин якпорчагии равандҳои ҷараёндошта, алоқамандӣ ва вобастагии байниҳамдигарии онҳоро нишон медиҳад [7].

Анъанаҳои тарбиявӣ фарҳанги педагогии миллат, маромҳо ва расму оинҳои тарбияро ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи Э. Дюркгейм чунин анъанаҳо дар дарки отифавӣ, маҳорат, мулоҳизаҳоии Гурӯҳи миллӣ мавҷуд буда, бояд ба насли наврас интиқол дода шаванд [5].

Ҷумҳурии соҳибистиқлол бо риояи таҳкими мавқеъи инсондӯстӣ ҳамчун арзиши асосии ҷамъиятӣ, инчунин бо пайравӣ аз дастурҳои ахлоқии олимони форсу тоҷик дар раванди таҳсилот,талош меварзад, ки ба инкишофи маънавӣ ва ҷисмонии кӯдакон, бо ташаккули неруи захиравӣ ва имконоти окилона ҳал намудани проблемахои глобалии эъмори мамлакат таъсир расонад.

Сарчашмаҳои адабӣ андешаҳои олимон, файласуфон, омӯзгорони форс-тоҷикро оид ба масъалаҳои педагогика инъикос намуда, дар равишҳои таълиму тарбия, бахусус дар масъалаҳои таъсиррасонӣ ба хислат ва рафтори кӯдакон, дар онҳо ташаккул додани ҳисси инсонпарварӣ ва майл ба меҳнат тафсирҳои умумӣ медиҳанд.

Барои ҳар як инсон тарбия, омӯхтани далелҳои илмӣ манфиатҳои гуногун меоварад, осонӣ дар муошират бо одамони дигар, ростқавлӣ, қатъият, шуҷоат, покизагиро инкишоф медиҳад. Раванди тарбия ва таълими кӯдакон бояд дар оила ва мактаб бо мусоидати омӯзгорон ба амал ояд, то ки вазифаҳои таълиму тарбия бомуваффақият амалӣ карда шаванд.

Идроки аҳамияти баланди ҷанбаи мазкур дар амалияи педагогии ҷонибдорони тарбия бо истифода аз методҳои суннатии тавсифшуда дар адабиёти форсу тоҷик аз солҳои 50-уми асри гузашта пажӯҳишҳои олимони гуногун вобаста ба таҳқиқивижагиҳои ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва адабию педагогии таълим у тадрис дар асрҳои гузашта оғоз гардиданд. Ба ин ҷумла адибону мутафаккирони барҷаста Абуабдулло Рӯдакӣ, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳйади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон дохил мешаванд. Метавон қайд кард, ки фарҳанги маорифпарварӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ решаҳои амиқи таърихӣ доранд.

Сайид Нуриддиншоҳи Неъматуллоҳи Валӣ дар таълифоти худ ба ҷанбаҳои рушди ахлоқӣ ва тарбияи шахсият аҳамияти хоса дода, онҳоро ҳамчун заминаи асосии зуҳури нахустоғози инсонии комил донистааст.

Тавсифномаи масъалаи мазкур бо афкори мутаваккир нисбат ба маориф ҳамчун сарчашмаи аввалиндарачаи ташаккули нахустоғози комили инсонӣ робитаи зич дорад. Дар ин маврид шоир ишқ, муносибати ғамхорона, нигоҳубин, таълиму тарбияи шахсиятро дар назар доштааст.

Оила ва омӯзгорон бо такя ба ин ҷиҳатҳо муваззафанд, ки хислатҳои кӯдакро парвариш ваинкишоф диҳанд, ӯро таълиму тарбия намуда, қобилияти зеҳнӣ ва хирадмандиашро таҳким бахшанд ва дар оянда ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҷомеа ҷойгоҳи сазоворро ишғол намояд. Пас, фахмида мешавад, ки моҳияти тарбия аз амалисозии нигоҳубин, таъмини хӯрок, сару либос,

маблағ иборат аст, ки ба туфайли он ҷисми мустаҳкаму солим ташаккул меёбад. Ба ақидаи шоир, камоли инсон маҳз дар тарбияи ҷисми солим ифода меёбад [8].

Шоир рушди ҷисму рӯҳро дар муҳити иҷтимоӣ бо раванди тарбия зич алоқаманд мекунад, дар ҳоле ки ҳар як шахсияти барҷастаи дорои истеъдоди бузург ба мусоидати молӣ ниёз дорад. Шоир муътақид буд, ки маҳз дар як зиндагии мавзун ва осудаҳолона манфиат ва ободии ҷомеа нуҳуфта аст ва кирдори зишт боиси марг ва харобии неъматҳои офаридаи инсон мегардад.

Вобаста ба ин, дар раванди тарбияи кӯдакон дар назди омӯзгорон шарти ҳатмӣ гузошта шудааст, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар баробари такмили ҷаҳонбинии маънавии онҳо дастрасии маблағ ба хонандагонро дар назар дошта бошанд.

Раванди тарбия дар ташаккули накӯкорӣ ва покӣ дар кӯдакон фаъолона мусоидат мекунад, аз ин рӯ, дар ҳаёти ҳар як шахсе, ки ба ақидаи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, бояд аз талоши обрӯву эътибор даст кашад ва ба ҷустуҷӯи некӣ, тозагӣ ва рушди ҷисм машғул шавад, нақши бузург мебозад.

Дар одамон ҳамзамон бо хислатхои мусоиди инкишофи шахсият сифатхои манфии хулқу хислат ба сабаби набудани тарбияи маънавӣ ташаккул меёбанд.

Шоир одамонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: некон ва бадон. Шахси дорои арзишҳои маънавии баланд бо кирдорҳои поку одилона ҳам ба худ ва ҳам ба дигарон нафъ мерасонад. Одамони бади дорои арзишҳои маънавии паст ба худ ва дигарон таъсири манфӣ мерасонанд. Шоир дар муносибати худ ба ҷисми носолим ва нуқсонҳои ҷисмонӣ қайд кардааст, ки барои нобино асо лозим аст, барои бино асо ба кор наояд [9].

Дар ин замина обрӯ ва эътибори омӯзгории Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ташаккул ёфт, ки бо андешаву гуфторҳои пурмазмуни худ оммаро тасхир намуда, шавқу рағбати мардумро ба меҳнат бедор мекард. Аз нуктаи назари мо, ин равиш дуруст ва асоснок буда, дар шароити кунунӣ мубрам ҳам мебошад. Сухану дониши ин ҳакимро метавон ифтихори миллии тоҷикон ва дигар халқҳо номид, зеро сулҳу некуаҳволӣмеорад.

Шоҳ Неъматуллоҳ аъмоли ношоистаи омӯзгорон ва хонандагонро, ки барои зиндагии шоистаи инсон мутлақо лозим нестанд, бахусус, тамокукашӣ ва истифодаи нашъа ва тарёкро маҳкум мекард. Чунин бархӯрд дар замони ҳозира ба мақсад мувофиқ аст, зеро ҷавонон майл ба нашъамандӣ доранд, ки ба фарҳангу ахлоқ ва рафтори онҳо таъсири манфӣ расонида, як мушкилии умумии ҷомеа низ мебошад.

Олимон ва маорифпарварони гуногуни фарҳанги Шарк ба мутобиқати инкишофи шахсият шавқу рағбати фаъолона зохир менамуданд. Чунин мутафаккиронро метавон камолоти инкишофи мутаносиби инсон номид. Онҳо ҳамзамон ҷоҳилонеро, ки шӯҳратпарастӣ ва накуахлоқиро ба фаҳмиши худ маънидод карданӣ мешаванд ва мардумони бомаърифатеро, ки ба пастӣ даст мезананд, маҳкум карданд. Принсипхои равиши педагогии Абӯалӣ ибни Синоро баррасӣ менамоем:

1. Ба кӯдакон бояд вазифаҳое пешниҳод карда шаванд, ки онҳо ба иҷрои он қодир бошанд.
2. Мураккабшавии омӯзиш бояд тадриҷан аз чизҳои осону оддӣ ба амал оварда шавад.
3. Аз марҳилаи ибтидоӣ раванди таълимро бо истинод ба адабиёт айният намедиҳанд.
4. Тарбияи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ бояд муттасилан ҳамдигарро иваз намояд.

Мутафаккир аҳамияти муҳими омӯзгорро дар раванди тарбия қайд мекунад, зеро баомӯзгор сифатҳои баланди ахлоқӣ, одоби аъло, бофарҳангӣ, ростқавлӣ, мулоҳизакорӣ, хислатҳои иродавӣ ва кордонӣ хос аст.

Абӯалӣ ибни Сино сифатҳои махсусеро муайян кардааст, ки тарбиятгар бояд дорои онҳо бошад, аз ҷумла, мулоҳизакорӣ, ростқавлӣ, инкишофи гуногунҷабҳа, хушмуомилагӣ, покизакорӣ. Омӯзгор ҳангоми муошират бо хонандагон бояд махсусан бодиққат бошад ва ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки ҷузъҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ ба ҳам хеле наздиканд. Вижагиҳои шахсият ва хислатҳои хоси отифавии тарбиятгирандагон ва имкони тақлиди онҳо ба омӯзгор ҳатман дар назар дошта шавад. Раванди таълим бояд комплекси равиш ва усулхои гуногуни тадрисро пурра фаро гирад.

Дар китоби «Шифо» ин равишу усулҳо чунин инъикос ёфтааст:

1. Аёнӣ: раванди таълим бо намоиши аёнии мисолҳо ва намунаҳо ҳамроҳ аст.
2. Эзоҳӣ: омӯзгор бо мисолҳо ба хонандагон мазмуни маводи таълимиро мефаҳмонад.
3. Андарзӣ: омӯхтан (номҳо, шеърҳо ва ғ.) бо роҳи такрори иттилоот.
4. Тақлидӣ: комилан ва бечуну чаро итоат кардан ба талаботи омӯзгор.
5. Огоҳӣ: тавзеҳоти аёнӣ ба хонандагон оид ба ҳолатҳои ҳаётӣ ва вижагиҳои табиат бо мақсади пешгирии ҳолатҳои манфӣ.

Донишманди аллома ба таълиму тарбияи хонагӣ ба таври хусусӣ муносибати манфӣ дошт, зеро дарсҳо бо як шогирд нисбат ба раванди таълими дастаҷамъӣ ба таври назаррас камбудӣ доранд, зеро шогирдон донишҳо ва таҷрибаи ҳаётиеро, ки дар воқеият ва адабиёт вомехӯранд, мубодила мекунанд [1].

Абуалӣ ибни Сино кайд карда буд, ки фаъолияти дастаҷамъӣ чандон якранг нест ва дар кӯдакон майлу хохиши бузурги азхудкунии бисьёр илмҳоро ба вуҷуд меоварад. Муносибатҳои эътимодбахш дар байни шогирдон ташаккул меёбад, онҳо ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд, дар ҳамин ҳол кӯдак бояд вақти холии фориғ аз омӯзиш дошта бошад.

Ин вақти холӣ ба машғулиятҳо бо хоҳиши кӯдак бахшида мешавад. Ҷавонон дар синни 14-27-солагӣ як касби мушаххасро омӯхта, малакаҳои касбӣ пайдо мекунанд. Инкишофи ҷисмонии писарбачагон ахамияти калон дошт, бинобар ин Абӯалӣ ибни Сино машгулиятхои гуногуни варзиширо (гуштингирӣ, давидан, роҳпаймоӣ, бандкашӣ ва ғайра) дастгирӣ мекард.

Дар методикаи таълим бояд на танҳо маводи марбут ба мафкураи динӣ, балки дигар фанҳо (саводомӯзӣ, адабиёт) низ вуҷуд дошта бошад, ба ҳар ҳол, бояд ба тарбияи ахлоқӣ бештар такя карда шавад. Омӯзгор пеш аз дарс бояд мазмуни мавзуъро биомӯзад, ки ин имкон медиҳад, ки мавзуъ аз мавқеи илмӣ ва истифодаи дурусти нутқ ба кӯдакон пурра ва дақиқ расонида шавад.

Шарҳу тафсироти омӯзгор бояд бо ифодаи фаъолонаи чеҳра, ки ба нутқ тобиш ва ҷанбаи даркорӣ медиҳад, пайваста бошад. Омӯзгор бояд нармӣ ва сахтгириро дар методҳои тарбия мутавозин созад, то кӯдакон дар баробари риояи тартиби зарурии рафтор ва изҳори эҳтиром аз талаби тадқиқ ва равшанӣ андохтани нуктаҳои ҷолиби худ ҳарос надошта бошанд.

Зоҳир намудани ҳиссиёти муайян нисбат ба шогирдон, ки бо муносибати ғамхорона ва эҳтиромомез алоқаманд аст, аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад. Рафтори устод бояд барои шогирдон намуна бошад. Андешаҳои Абӯалӣ ибни Сино ба инкишофи ҳам педагогикаи Шарқ ва ҳам Ғарб таъсири калон расонда, дар замони хозира низ мубрам аст, зеро дар онҳо бисьёр ҷиҳатҳои муҳим ва бунёдии таълиму тарбия мавҷуданд.

Мутафаккир ба масъалаи тарбияи оилавии фарзандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст, зеро масъулияти асосии ин раванд бар уҳдаи сардори оила аст. Аз ин рӯ, ӯ бояд хуб таълимдида бошад ва ҷанбаҳои асосии тарбияро дарк кунад. Тарбияи дурусти фарзандон ба мустахкам шудани некуаҳволии оила мусоидат мекунад. Ин мавзуъро Абӯалӣ ибни Сино дар рисолаи «Тадбир-ал-манозил» баён кардааст.

Унсуралмаолии Кайковус ҳадафи асосии раванди тарбияро ба солимии маънавию ва ҷисмонии кӯдакон, дар онҳо инкишоф додани сифатҳои муайяни шахсӣ, аз ҷумла ростгӯӣ, зиракӣ, инсонгарӣ, хушодобӣ, адолатпарвариро нисбат додааст, ки ба туфайли онҳо инсон метавонад дар ҷомеа мақоми сазоворро ишғол намояд [12].

Ҳадафи афзалиятноки тарбияи насли наврас омода намудани кӯдакон ба душвориҳои эҳтимолии оянда, дар онҳо ташаккул додани эҳтиром ба дину эътиқод, меъёрҳои ахлоқӣ, аз худ намудани донишу малакаҳои зарурии дар роҳи ояндаи зиндагӣ зарурбуда мебошад.

Бояд некро аз бад, гуноҳро аз инсоф дақиқан фарқ кард, аз зиштию бадӣ даст кашида, ба ҷониби некӣ бояд рӯ овард.

Абуҳомид Муҳаммад Ал-Ғазолӣ (1058-1111) файласуфи машҳур буда, оид ба масъалаи тарбияи кӯдакон асарҳои зиёди худро бахшидааст [1].

Асарҳои ӯ («Насихат-ал-мулук», «Кимиёи саодат» ва ғайра) дар ташаккули анъанаи таълимоти педагогии тоҷику форс таъсири калон расонданд. Дар замони зиндагии файласуф ақидаҳои ӯ хеле тезу тунд буданд. Ҳамин тавр, ӯ ҷонибдори чунин нуктаи назар буд,, ки ҳар як инсон бояд сарфи назар аз миллат, ҷинс, ва соҳаи фаъолият ба таҳсилот фаро гирифта шавад. Кӯдаконро барвақт аз айёмихурдсолӣ тарбия кардан лозим аст, зеро дар ин вақт ҳанӯз рӯҳи онҳо аз таъсири бад фосид нашуда, аз андешаҳои манфӣ холӣ аст.

Мутафаккир такя ба аз тарафи кӯдак такрор карда шудани рафтори одамони калонсолро намудааст ва дар ин робита амалиёти тарбиятгар, ки аз тарафи кӯдакон ва волидайни онҳо таҳти мушохида қарор дорад, ахамияти махсус пайдо мекунад. Омӯзгор вазифадор аст, ки бо рафтору кирдори шоиста ва арзишҳои волои ахлоқӣ ба шогирдон намуна бошад.

Ғазолӣ бар ин бовар буд, ки маҳз ирсият герави таҳсили бомуваффақияти кӯдак аст ва омилҳои ба воя расидани ӯ аҳамият надоранд. Дар сурати аз волидайн ба ирс гирифтани қобилиятҳои хуби ақлонӣ ӯ муваффақ ба зудтар омӯхтани фанҳои таълимӣ мегардад. Накши махсус ба ширмаконии тифл дода мешавад, зеро ба воситаи шир кӯдак хислати манфии

модарро қабул мекунад, ки он дар вақти муайян худро нишон медиҳад. Дар асарҳои Ғазолӣ қайд карда шудааст, ки раванди таълим набояд тамоми рӯзро дар бар гирад, ба шогирдон вақт барои истироҳат ва бозиро фароҳам овардан лозим аст. Кӯдаконе, ки тарбияи дуруст гирифтаанд, ба дигарон ҳасад намебаранд, ба лофу газоф гуфтан майл надоранд. Вазифаи асосии инкишофи тарбияи ахлоқӣ аз он иборат аст, ки ҷавонони ба меҳнат кӯшишу ғайратдошта, бо хоксорӣ, бидуни майл ба кирдорҳои дурӯғин парвариш ёбанд.

Ҳамин тавр, файласуф дар чараёни таълим пешниҳод мекунад:

1. Ба кӯдак иҷозати вақтгузаронӣ бо кӯдакони бадсиголро набояд дод;
2. Тарбия ва омӯзиш, пеш аз ҳама, ба шарҳу такрори дуруст асос ёбад;
3. Кӯдак бояд назарияи азхудшударо дар шакли амалӣ истифода барад;
4. Ситоишро фаъолона бояд ба кор бурд. Ба кӯдакон барои рафтору кирдори дуруст бояд мукофот дода, аз сарзаниш барои иштибоҳ ва кирдорҳои бад сарфи назар кард, зеро ин имкон медиҳад, ки кӯдак инро мустақилона худаш дарк кунад ва ислоҳ шавад;
5. Аз синни 10-солагӣ барои рафтори бад ва кирдори зишт, аз ҷумла бо истифода аз методҳои ҷисмонӣ ҷазо дода шавад.

Кӯдакон ҳангоми рафтори шоиста бояд табъи хуби худро нишон диҳанд ва аз чунин хушҳолӣ маҳрум кардани онҳоро рафтори нодурусти калонсолон донист.

Яке аз суннатҳои бостонии шарқӣ таълифи китобҳои вижа барои насли наврас аст, ки муаллифони онҳо одамони соҳибхирад ва бозаковаттарин буданд. Дар ҷараёни мутолиаи ин қабил китобҳо дар кӯдакон дастурҳои дурусти ахлоқию арзишӣ ташаккул меёбанд.

Ташаккули сифатҳои шахсии кӯдак мавқеи ӯро дар ҷомеа муайян мекунад. Ғазолӣ руҳи тифлро бо замине монанд мекунад, ки дар он чи, поку ҳамвор кошта шудааст мерӯяд, тахти ҳар гуна таъсир қарор мегирад.

Яке аз файласуфони асри XIII, ки ба масъалаҳои тарбия ва таълими кӯдакон асарҳои гуногун бахшидааст, Хоҷа Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан Насриддини Тӯсӣ мебошад.

Равишҳои пешниҳодкардаи ӯ дар амалияи педагогии кишварҳои Шарқи он замон саҳми бориз гузоштанд. Тӯсӣ файласуфи барҷаста буд, илмҳои риёзиёт, заминшиносӣ, нуҷум ва ғайраро омӯхтааст. Асари асосии ӯ оид ба вижагиҳои таълиму тарбия «Ахлоқи Носирӣ» ба шумор меравад.

Файласуф барои истифодаи дониши андӯхтаи инсон дар ҳаёти воқеӣ нақши муҳим қоил мешавад, зеро таълим бидуни татбиқи амалӣ фоида надорад. Донишҳои илмӣ мисли модда ва шакл ба ҳам пайвастаанд.

Тӯсӣ ҳангоми таълифи асари асосии худ дар соҳаи педагогика, аз осори Ибни Сино, Арасту, Афлотун, Рӯзбеҳ истифода кардааст. Дар китоб арзишҳои ахлоқӣ ва зиддиятҳои он замон баён шудааст. Истифодаи донишҳои андӯхташуда дар фаъолияти воқеӣ, ба ақидаи Тӯсӣ, шаъну эътибори шахсро афзун намуда, сатҳи баланди зеҳниятро ифода мекунад. Барои тафсири пурра ва дақиқан дарк намудани равандҳои дар ҷаҳон ҷараёндошта инсон бояд бисёр фанҳоро омӯзад. Нодонӣ ба монеа мубаддал шуда, имкони ба таври мусбат хал кардани душвориҳои зиндагиро аз байн мебарад.

Азхудкунии фанҳои табиӣ, машғулиятҳои варзишӣ, ғизои солим, тарзи ҳаёти солим ба ҷисми инсон хушбахтӣ мебахшад. Мавкеи инсон дар ҷомеа ва меҳнати ӯ ҷомеаро саодатманд мегардонад.

Тӯсӣ дар раванди таҳқиқоти психология ва вижагиҳои табиии инсон бар ин назар аст, ки дигаргуниҳои мусоиди онҳо тавассути раванди тарбия ба даст меояд. Шахси хушбахт ба дурӯғ, озордиҳии дигарон майл надорад, оқилӣ, хирадмандӣ ва шуҷоат зоҳир мекунад. Мутафаккир се шакли асосии хушбахтиро ҷудо кардааст: маънавӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ. Хушбахтии рӯҳро фанҳои марбут ба омӯзиши фарҳанг, риёзиёт, мантиқ ва ғайра оварда, хушбахтии ҷисмӣ дар рушди шакли ҷисмонӣ ифода меёбад [11].

Рушди арзишҳои ахлоқӣ таҳкурсии кори таълиму тарбиявӣ бо насли наврас мебошад. Тӯсӣ бар ин назар аст, ки аз ҷумлаи ҷанбаҳои муҳити атроф, ки шадидтар аз ҳама ба кӯдакон таъсир мерасонанд, таваҷҷӯҳи одамони дигар аст ва аз ин рӯ, фазое, ки кӯдакро иҳота кардааст, аз бисёр хислатҳои хоси тарбияи ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Волидайн ва омӯзгорон бояд дар таълиму тарбияи кӯдакон фаъолона ширкат варзанд, ки дар натиҷа кӯдак ҳамчун шахси арзанда ба камол расида, таъсири манфии омилҳои муҳити зистро бомуваффақият бартараф мекунад.

Дар ин замина файласуф тавсия додааст, нагузоранд, ки кӯдакон бо одамони бади дорои арзишҳои ахлоқии паст муошират кунанд. Вақте ки дар кӯдакони хурдсол сифатҳои ахлоқӣ

ташаккул наёбанд, онҳо дар зери таъсири манфӣ бо тамоюл ба кирдори бад, инчунин дар натиҷаи иштибоҳоти волидайн дар муносибат ба тарбия ба воя мерасанд. Бартараф кардани ин гуна мушкилот хеле душвор аст.

Мутафаккир қоидаҳои тарбияи кӯдакро дар оила тавсия намуда, қайд мекунад, ки маданияти сарфи таом ин равандро ба манбаи муҳими ҷисми солим табдил медиҳад.Ба кӯдакон фахмондан лозим аст, ки маданияти ғизохӯрӣ шустани дастҳо ва обгардон кардани даҳонро дарбар мегирад. Бо се ангушт, бо луқмаҳои хурд ва даҳони нимкушода бояд ғизо хӯрд, покиза нигоҳ доштани либос, таомро бӯ накардан ва боқимондаҳои хӯрокро аз ангуштон набояд лесид [10].

Аз ин рӯ, ғизохӯрӣ набояд боиси хушҳолии барзиёд ва берағбатӣ гардад. Ба ақидаи Тусӣ, кӯдакро набояд бо нозу неъматҳо эрка кард, набояд одати бештар аз зарурат хӯрок хӯрданро омӯзонд, зеро пурхӯрӣ ва тамаъро метавон тарбия кард. Дар айни замон, дурустии эътирофи рад кардани хӯрокҳои гуногун душвор аст.

Маҳдудият дар ғизо метавонад ба ҳолати организми кӯдак зарар расонад. Ғизо бояд бо риояи одоб ва фарҳанги зарурӣ оқилона бошад. Маслиҳатҳои файласуф баҳои баланд гирифта ба принсипҳои тарбияи кӯдакони он давра таъсири калон расонд.

Олим дар асархои худ иштибоҳҳои одамро ҳангоми ҳаракат тавсиф кардааст. Шахси дорои зеҳнияти паст пайваста ба қафо нигоҳ мекунад, бошитоб ва саросема аст. Роҳравӣ бояд мавзун, бо қомат рост ва мавқеи дастҳо дуруст бошад, дар акси ҳол ин зуҳури рафтори бад аст. Нишастан бидуни дароз кардан ва ба болои ҳам гузоштани пойҳо дуруст аст, зонуҳо бояд зери курсӣ ҷой дода шаванд. Талаботи мазкур дар шароити муосир низ мубрам мебошанд.

Дар бораи тавсияҳои файласуф амиқан мулоҳиза ронда, онҳоро барои имрӯз ҳам аҳамиятнок метавон арзёбӣ кард. Бо вуҷуди ин, масъалаи истеъмоли хӯроки серғизо саҳаргоҳон ҳангоми ношто баҳснок боқӣ мемонад, зеро кӯдакон баъди серӣ субҳона хӯрдан хондани дарсҳо танбалӣ мекунанд, раванди таваккуру мулоҳизаронӣ халалдор мешавад, бинобар ин, хӯроки серии шомгоҳон барои хоби мусоид мебошад.

Тӯсӣ бо итминони комил дошт, ки омӯзгори хуб ба якчанд меъёр ҷавобгӯ мебошад: мулоҳизакорӣ ва эътирофи дини ҳақ; фарҳанг ва гуфтори воло; одамгарӣ ва сахтгирӣ; дарки сухан ва арзишҳои ахлоқии синфҳои гуногун. Файласуф дар «Ахлоқи Носирӣ» қайд кардааст, ки хушбахтӣ мақсади асосии фаъолияти тарбиявӣ мебошад.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ аз дидгоҳи Тусӣ ба тарбияи наҷибона, хушмуомилагӣ, поквиҷдонӣ ва камолоти ҷисмонӣ рост меояд. Раванди таълим бояд ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад [13]:

1. Омӯзгорро зарур аст, ки қобилияти ақлонӣ ва майлу хохиши шогирдонро ба назар гирад.

2. Дар раванди таълиму дадрис аз маҷмӯи мукаммали методҳои таълим истифода мешавад: тавзеҳ ардани аҳамияти адабиёт, такрор кардани дарсҳо, намоиши аёниятҳо бо истифодаи мисолҳо, ташаккули этиқод ва шавқу рағбат, муҷозоти кӯдакони гунаҳкор, ташвиқ намудани хонандагони барои рафтори шоиста.

Ҳар як кирдори дурусти кӯдакро бояд таърифу ситоиш кард. Бо риояи чунин равиш метавон натиҷаҳои хуб ба даст овард.

3. Азёдкунии ашъори дорои мазмунҳои баланди ҳаётӣ, ки ба шарофати онҳо принсипҳои ахлоқу одоб ташаккул меёбанд.

4. Барои амалҳоиношоиста омӯзгор бояд шогирдро муҷозот кунад, аз ҷумла чораҳои ҷисмонӣ, кӯдак бидуни ашкрезӣ ва шикоят (дар замони ҳозира таъсири ҷисмонӣ расондан ба донишомӯз эътироф карда намешавад) ҷазоро қабул намояд.

5. Аз дидгоҳи муаллиф ба хислати кӯдакона обутоб ва табоварӣ хос аст. Ин хислатхо бояд дар раванди тарбияи кудак дар оила инкишоф дода шаванд. Дар вақти гармо ба кӯдак набояд иҷозати нӯшидани оби сард дода шавад, дар ҳолати сармо бояд либоси гарм пӯшад, рахти хоб бояд ба дараҷаи муътадил сахт ва хоб кӯтох бошад.

Бисёре аз панду андарзҳои файласуф дар ҷомеаи кунунӣ зарур дониста мешаванд, бахусус эҳтироми бузургсолон меъёри асосии тарбия ва хушмуомилагии кӯдакон аст [6].

Тӯсӣ дарсҳои инфиродӣ бо кӯдаконро қатъиян рад мекунад, зеро вай чунин дарсҳоро ғайриҷолиб ва дилбазан медонист. Дар коллектив мондани кӯдак раванди тафаккурро ҳавасманд намуда, дарки фарҳанги рафторро метезонад.

Тӯсӣ аз осори дигар муаллифони пешин босамартарин ҷанбаҳои хтаълиму тарбияро баргузида, дар рисолаи «Ахлоқи Носирӣ» онҳоро такмил дода ва ба низом даровардааст [15]:

1. Дар раванди таълим, ба таъсири муҳити зист дар ташаккули хислат ва шахсияти кӯдак аҳамияти асосӣ дода мешавад. Ин ҷиҳат дар рафти тарбия диққати махсусро талаб мекунад.

2. Тарбияи шоиста бо дарки сифатҳои инфиродии кӯдакон, вижагиҳои психология ва ҳолати ҷисмонии онҳо зич алоқаманд аст.

3. Ташкили дурусти раванди таълим ба рушди иллатҳо монеа мешавад.

Дар баробари ин дар таҳқиқот оид ба татбиқи таҳқиқоти илмӣ дар фаъолияти воқеӣ далелҳо оварда шудаанд. «Ахлоқи Носирӣ» дар педагогикаи амалии тоҷикон аз аҳамияти калон бархӯрдор аст.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (1213-1292) яке аз мутафаккирони барҷаста ба шумор меравад. Ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон, ки гарави ташаккули арзишҳои баланди ахлоқӣ мебошад, диққати калон медод.

Шайх Саъдӣ мардумро ба фарогирии таҳсилот даъват намуда, аз абзорҳои гуногуне, ки ба амалия, маҳорат ва дониши ӯ хос буд, истифода мекард. Бо овардани мисолҳо аз таҷрибаи зиндагии худ фаъолона маслиҳату тавсияҳо медод. Ба ақидаи ӯ ҳар як омӯзгор бояд равиши дурустро нисбат ба тарбиятгиранда интихоб кунад, то ки раванди тарбия ва инкишофи сифатҳои шахсии кӯдак самараи бештар дошта бошад. Омӯзгор набояд шакку шубҳа зоҳир намояд, сари вақт сахтгирӣ нишон дода, шогирдонро барои эҳтироми худ ташвиқ кардан лозим аст [4].

Саъдӣ тарбияро ба 4 намуд ҷудо кардааст: ҷисмонӣ, ахлоқӣ, ақлонӣ, меҳнатӣ. Чунин равиш таълими гуногунҷанбаи кӯдаконро бо омӯзиши фанҳо ва паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт таъмин мекард. Сифатҳои инфиродии хислат дар овони барвақти кӯдакӣ ба вуҷуд меоянд, аз ин рӯ шайх пешниҳод кардааст, ки арзишҳои ахлоқӣ дар кӯдакон аз ин синну сол инкишоф дода шаванд, зеро тағйир додани шахсияти ташаккулёфта душвор аст.

Волидайн дар раванди тарбияи кӯдак нақши аввалиндараҷа доранд ва нақши асосӣ ба сардори оила хос аст. Шайх дар муроҷиат ба волидайни кӯдак бо истифода аз қиссаҳои зиндагӣ андешаҳои худро баён кардааст.

Асоси фаъолияти тарбиявӣ, ба қавли Саъдӣ, эътиқод аст. Ӯ дар асарҳои гуногун, аз ҷумла дар «Гулистон» воқеахоеро дар бораи кирдор ва рафтори одамон тасвир кардааст, ки боиси шавқу завқ ва мафтунии хонанда мешаванд. Ҳамчунин, дар асарҳо иллатҳое инъикос ёфтаанд, ки муносибати нафратомезро тақозо мекунанд, муаллиф онҳоро маҳкум намуда, мардумро даъват кардааст, ки ба чунин амалҳо дар ҳаёти худ роҳ надиҳанд [2].

Шайх кушиш мекард, ки маҳз дар оилаи кӯдак равишҳои нави раванди тарбияро ҷорӣ намояд, методҳои таълиму тадриси халқиро ҳамчун асоси асосии тарбия нишон диҳад. Меҳнат гарави ташаккули фазилат ва ахлоқи воло дар байни ҷавонон аст, ки Саъдӣ вобаста ба ин нисбат ба меҳнат эҳтироми хоса нишон медод [3].

Ҳамин тавр, арзёбии мавқеъҳои гуногун имкон медиҳад, ки арзишҳои ахлоқиро ҳамчун принсипҳои ахлоқии ҷомеа (ростгӯӣ, инсондӯстӣ, тамоюл ба меҳнат, масъулият, эҳсоси вазифа, муҳаббат ба Ватан ва ғайра) баррасӣ кунем. Онҳоро хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи маърифатию отифавӣ мувофиқи вижагиҳои синну солашон аз худ мекунанд ва амалҳои кӯдаконро таҳти назорати дигар одамони бонуфуз, инчунин дар танҳоӣ худ ба худ идора мекунанд. Арзишҳои ахлоқӣ муносибати хонандагони хурдсолро дар коллектив тавассути муқоисаи уҳдадориҳо ва амалҳое, ки аз иҷрои онҳо худдорӣ кардан мумкин аст, талаботи озод ва зиддиятнок, маҳдудиятҳо, дастурҳо ва муқарраротро тавсиф мекунанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С.Айнӣ. - Душанбе, 1987. – 240 с.
2. Алиев, Р.М. Саади и его «Гулистан»/Р.М.Алиев. - Москва: Знание, 1959. - 39 с.
3. Али-заде, И. Мировоззрение Саади и некоторые художественные особенности его творчества. Автореф. канд. дисс./И.Али-заде.- Душанбе, 1966. - 24 с.
4. Брагинский, И.С. Саади. Жизнеописание/И.С.Брагинский. - Сталинобад: Таджик Госиздат, 1949. - 109 с.
5. Дюркгейм, Э.Социология образования/ Э.Дюркгейм. – Москва: Директ-Медиа, 2007. – 115 с.
6. Имомӣ, Абулқосим. «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насир ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-и Мушкавайҳи Розӣ. // «Оинаи мерос». С.1, ш.3 ва 4. - 1377 ш. - С. 32-36. – З. форсӣ.
7. Лихачев, Б. Т. Философия воспитания. Специальный курс: учебное пособие для студентов высших учебных заведений/Б.Т.Лихачев.–Москва: Владос, 2010. – С. 19.
8. Нафиси,С. Сборник произведений Шаха Нигматуллаха Вали /С.Нафиси.-Тегеран,1374. - 735с.

9. Нафиси, С. Сборник произведений Шаха Нигматуллаха Вали. -2-е изд. / С.Нафиси. - Тегеран, 1387. - 735с.
10.Носириддин, Тусӣ. Асос-ал-иқтибос// Аҳвол ва осори Хоҷӣ Носириддини Тусӣ. - С. 420-421. – З. форсӣ.
11.Носириддин, Тусӣ. Ахлоқи Муҳташамӣ. Нашри 3. Теҳрон, 1377 ҳ. - 588 с.
12.Рабеъзаде, А. Красоты Белджувана / А.Рабеъзаде. - Душанбе, 2003. - 30 с.
13.Сабо, Муҳсин. Назарҳои иқтисодии Хоҷа Носири Тусӣ дар «Ахлоқи Носирӣ». // Маҷмуаи мақолоти чаҳорумин кунграи таҳқиқоти эронӣ. Бо кушиши Муҳаммад Ҳусайн Искандарӣ. Ч. 2. 1353 ш. - С. 198-217. – З.форсӣ.
14.Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2021. – 110 с.
15.Ҳаддод Одил, Ғуломалӣ. Муқоисае миёни «Гулистон» ва «Ахлоқи Носирӣ» дар шеваи омӯзиши фазоили ахлоқӣ//Зикри ҷамили Саъдӣ.4.1.–Теҳрон,1364 ш.қ. - С. 405-415. – З. форсӣ.

**REFERENCES:**

1. Aini, S. History of Bukhara Revolution / S. Aini. - Dushanbe, 1987. - 240 p.
2. Aliev R.M. Saadi and his "Gulistan". - Moscow: Knowledge, 1959. - 39 p.
3. Ali-zadeh I. Saadi's worldview and some artistic features of his work. Author's abstract. Ph.D. diss. - Dushanbe, 1966. - 24 p.
4. Braginsky I.S. Saadi. Biography. - Stalinobad: Tajik Gosizdat, 1949. - 109 p.
5. Durkheim, E. Sociology of education / E. Durkheim. – Moscow: Direct-Media, 2007. – 115 p.
6. Imami, Abul Qassim. "Akhlaq Nasiri" by Khoja Nasir and "Tahzib-ul-ekhok" by Mushkawayhi Razi // Mirror of heritage. - 1377. № 3-4. - P. 32-36.
7. Likhachev, B. T. Philosophy of education. Special course: textbook for students of higher educational institutions / B. T. Likhachev. – Moscow: Vlados, 2010. – P. 19.
8. Nafisi, S. Collection of works of Shah Nigmatullah Wali / S. Nafisi. - Tehran, 1374. - 735c.
9. Nafisi, S. Collection of works of Shah Nigmatullah Wali. -2nd ed. / S. Nafisi. - Tehran, 1387. - 735c.
10. Nasiruddin Tusi. Asos-al-iqtibas // Status and works of Khwaja Nasir al-Din Tusi. - Tehran, 1365.- S. 420-421.
11. Nasiruddin Tusi. Morality of Mohtashami. Edition 3. Tehran, 1377 AH. - 588 p.
12. Rabe'zade A. The beauty of Beljuvan / A. Rabe'zade. - Dushanbe, 2003. - 30 p.13. Saba, Mohsin. Economic views of Khwaja Nasiri Tusi in "Akhlaqi Nasiri" // Collection of articles of the fourth congress of Iranian studies. With the efforts of Muhammad Husayn Iskandari. Ch. 2. 1353 sh. - S. 198-217.
14. National strategy of education development in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. - Dushanbe, 2021. - 110 p.
15. Haddad Adil, Gholomali. Comparison of "Guliston" and "Akhlaqi Nasiri" in the way of spatial moral studies // Zikri Jamili Saadi. 4.1. - Tehran, 1364. - S. 405-415.